Ба Шӯрои диссертатсионии 6D-КОА.030
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
(734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри
Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Қаландаров Кароматулло Қаландарович дар мавзӯи «Раванди ташаккули системаи сиёсӣ дар шароити тағйирпазирии ҷомеа (дар мисоли Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ (илмҳои сиёсӣ)**

Системаи сиёсии ҷомеа яке аз масъалаҳои муҳимтарини илмҳои сиёсӣ мебошад. Гузашта аз ин, системаи сиёсии ҷомеа тамоми равандҳои сиёсию дигаргуниҳои ҳаёти сиёсиро дар худ фаро мегирад. Бинобар ин дар ҳар марҳилаи давлатдорӣ дигаргуниҳои сифатию миқдорӣ системаи сиёсиро ҳамроҳӣ менамояд. Дигаргунӣ ва тағйирёбии системаи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон баъди ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ оғоз гардидааст. Чи гунае, ки маълум аст, дар солҳои аввали соҳибистиқлолии кишвар тағйиротҳои сиёсӣ ва воқеаҳои мухталиф ба амал омада буданд. Ин равандҳо ба ташаккулёбии системаи сиёсии Тоҷикистон таъсири амиқ расонидаанд. Аммо тамоми рукнҳои асосии мавҷудият ва ташаккулёбии системаи сиёсӣ дар заминаи муқаррароти Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин карда мешавад. Тибқи Конститутсия Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати соҳибхтиёр, ҳуқуқбунёд, демократӣ, дунявӣ ва ягона мебошад. Системаи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ин муқаррарот сарманшаъ мегирад. Махсусан, раванди демократикунонии ҷомеа ва ташаккули рукнҳои асосии давлати дунявӣ ҷанбаҳои тагйирпазирии системаи сиёсии кишварро ташкил медиҳанд. Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи гузариш қарор дорад ва ин раванд ба ҳаёти сиёсии ҷомеа ва ташаккулёбии системаи сиёсии кишвар низ марбут аст. Дар чунин шароит таҳлилу таҳқиқи ҷанбаҳои гуногуни ташаккули системаи сиёсӣ ва нишон додани таъсири тағйирпазирии ҷомеа ба мундариҷаи он хеле муҳим ва саривақтӣ мебошад. Таҳқиқоте, ки аз ҷониби Қаландаров Кароматулло Қаландарович анҷом дода шудааст, ба омӯзиши ҳамин масъала бахшида шуда, раванди дигаргуншавии системаи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар худ нигоҳ медорад.

Ташаккули системаи сиёсӣ дар заминаи бавуҷудоии давлат ҳамчун унсури муҳимтарини он муайян карда мешавад. Мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифтани омӯзиши системаи сиёсӣ ба марҳилаҳои муосири рушди инсонӣ

таалluқ дорад, зеро дар замонҳои гузашта диққати асосӣ маҳз ба давлат ҳамчун воҳиди муайянкунандаи сиёсӣ равона карда мешуд. Дар ташаккул ва рушди системаи сиёсии ҷомеа нақши омилҳои иҷтимоиву сиёсӣ, иқтисодию фарҳангӣ ва маънавию ахлоқӣ бениҳоят назаррас аст, ки аз ҷониби муҳаққиқони соҳаҳои гуногун ҷанбаҳои таърихӣ, психологӣ, фалсафӣ, ҳуқуқӣ ва инчунин сиёсии он то андозаи муайян мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Ҷиҳатҳои зикршудаи системаи сиёсӣ имрӯз ҳам предмети асосии баҳсу мунозираҳои доираҳои гуногуни илмию тадқиқотӣ қарор дорад.

Марҳилаи муосири рушди ҷомеаи инсонӣ хусусиятҳои демократии системаи сиёсии ҷомеаро тақозо менамояд. Ин ҳолат, пеш аз ҳама, ба шароити демократикунонии ҷомеа ва давлатҳои имрӯза алоқаманд мебошад. Назаррас гаштани нақши системаи сиёсии демократӣ дар воқеияти пасошӯравӣ ҳамчун марҳилаи нави рушди ҷаҳон буда, дар ин раванд тағйиротҳои сифатан нав дар инкишофи давлатҳои ҷаҳон ба амал омад. Хусусан, ин таҳаввулот ба системаҳои сиёсии кишварҳои муосир ва унсурҳои таркибии онҳо мансуб мебошад.

Дар таҳқиқоти Қаландаров К.Қ. дар алоқамандӣ бо мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот ҷанбаҳои назариявию амалии системаи сиёсии ҷомеа, аз ҷумла хусусиятҳои ташаккули системаи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқ гардидаанд. Навоварии илмии таҳқиқот нишон медиҳад, ки муаллиф тавонистааст дар омӯзиши ин масъала саҳми худро гузорад. Дар таҳқиқоти мазкур мафҳум, моҳият ва хусусиятҳои системаи сиёсӣ таҳлили ҳамаҷонибаи худро бо назардошти ҷиҳатҳои пешин ва воқеияти муосири ҳаёти сиёсӣ ёфтаанд; мақом ва нақши системаи сиёсӣ дар алоқамандӣ бо ҳаёти сиёсӣ нишон дода шуда, ҳамзамон падидаи мазкур ҳамчун омили меҳварӣ дар рушди ҳаёти ҷомеа муайян гардидааст; хусусиятҳои асосии трансформатсияи системаи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба давраи гузариши кишвар ошкор гардида, ҷиҳатҳои нави ин падидаи муҳими ҳаёти сиёсӣ зимни назардошти воқеияти ҷамъиятӣ дарҷ ёфтаанд; асосҳои сиёсию ҳуқуқии амалишавии системаи сиёсӣ дар Тоҷикистон вобаста ба хусусиятҳои демократиаш нишон дода шудаанд; масъалаҳо ва мушкилоти пешрафти системаи сиёсӣ дар Тоҷикистон муайян гардида, ҳамзамон дурнамои рушди он дар шароити имрӯзаи кишвар ба таври лозимӣ мушаххас гардонида шудааст.

Таҳқиқоти анҷомёфта имкон медиҳад, ки дар бораи системаи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон, пеш аз ҳама, роҷеъ ба раванди ташаккулёбии он тасаввуроти мукаммал ба даст ояд. Хулосаҳо ва маводи таҳқиқот метавонанд дар таълими сиёсатшиносӣ ва системаи сиёсии ҷомеа ба таври фаровон истифода бурда шаванд.

Хулоса, кори илмии Қаландаров Кароматулло Қаландарович дар мавзӯи «Раванди ташаккули системаи сиёсӣ дар шароити тағйирпазирии ҷомеа (дар мисоли Тоҷикистон)» ба омӯзиши яке аз масъалаҳои мубрами илмҳои сиёсии ватанӣ бахшида шуда, ҷиҳати омӯзиши минбаъдаи системаи сиёсии мамлакат ва рушду такомули он аҳамияти илмию амалӣ дорад. Аз рӯйи мазмуну мундариҷаи таҳқиқот гуфтан мумкин аст, ки он бо ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ мувофиқат менамоянд.

Автореферати диссертатсия бо риояи талаботи муқарраргардида таҳия шудааст. Бо боварии комил гуфтан мумкин аст, ки муаллифи кори илмии барои ҳимоя пешниҳодгардида сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ мебошад.

Муқарриз: номзади илмҳои фалсафа, дотсент,
мудири кафедраи фалсафа ва сиёсатшиносии
Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон
ба номи Сотим Улуғзода Маҷидов Д.Х.

Имзои Маҷидов Д.Х.-ро
тасдиқ менамоям:
мудири шуъбаи кадрҳои
ДДЗТ ба номи С. Улуғзода Наҷмуддинов Ш.М.

Суроғаи муқарриз: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Душанбе, кӯчаи Ф.Муҳаммадиев 17/6.